# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.**

**Шаҳри Душанбе. 2025, 14 саҳифа**

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Сахиёр Раҳимуллоҳ – «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» дар замони пуртазоди сиёсӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро масъалаи таъмини одамон бо кор ва баҳси бекорӣ яке аз муҳимтарин масоили ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меравад, ҳамзамон, боиси нигаронӣ ва ташвишҳои зиёди афроди ҷомеа ва давлатҳо гашта, дар кишварҳои мухталиф доир ба ин масъала таҳқиқоти гуногун мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Мушкилоти бекорӣ дар чандин даҳсолаҳои охир ба ҳайси яке аз масоили бисёр вазнину буҳронии кишварҳои рушднаёфта маҳсуб меёбад ва дар кишварҳои қафомонда бошад, бекорӣ ба гунаи музмин (решадор, кӯҳна) даромадааст.

Дар замони муосир бекорӣ беш аз пеш ба дараҷаи назаррас ҳамчун нишонаи набудани рушди зарурӣ дар кишварҳои ҷаҳони савум намоён мешавад. Ба ҳар ҳол аз ҷиҳати иҷтимоӣ бекорӣ дар бисёре аз кишварҳои рушдкунанда ва ақибмонда як мушкилии шадиду хатарноки шахсӣ ба шумор меравад.

Кор сармоя ва захираи миллӣ аст ва метавонад ба рушду пешрафти тамаддун таъсири бузург расонад. Агар афроди ҷомеа ба таври нисбӣ мувофиқи майлу истеъдод ва тавоноиҳои шахсӣ машғули кори муносиб бошанд, дар ҷомеа барои навоварӣ, ибтикор, рушду пешрафти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина ба вуҷуд меояд. Вале агар заминаҳои шуғлу кор дар ҷомеа маҳдуд ва талабот барои кор бисёр бошад, ба тадриҷ бекорӣ афзоиш мeёбад.

Шуғл ва бекорӣ бо дигар омилҳои иқтисодӣ робитаи зич доранд. Бекорӣ сарчашмаи асосии пайдоиши фақру маҳрумият, ноҳинҷориҳо ва печидагиҳои иҷтимоӣ ва харобшавии мизони эътидолу баробариҳо дар ҷомеа аст.

Бештари одамони бекору овора дучори бемориҳои депрессия, ҳисси зиндагии беҳуда ҳастанд, ки ин худ заминаи мувофиқро ҷиҳати рӯ овардан ба олами ҷиноятӣ, ноороміҳои иҷтимоӣ, дуздию ғоратгарӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ғайра ба вуҷуд хоҳад овард.

Чуноне диссертант дар диссертатсияи худ ишора мекунад, депрессия бемориест, ки хусусияти асосии он тағйири хулқу рафтор ва эҳсоси андӯҳ аст. Дараҷаи мубтало шудан ба он метавонад аз як ноумедии андак то ҳисси андуҳи бузургу давомдор иборат бошад ва ё бо ибораи дигар, тағйири хулқ нисбатан устувор гардида, метавонад рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ё солҳо давом кунад. Депрессия ба тамоми ҷисм таъсир дошта, паҳлуҳои зиндагии фардро таҳти фишор қарор медиҳад. Ин фишор дар ҳиссиёт, неру, кӯшиш, андеша, бархурду муошират бо одамон ва рафтори фард намоён мешавад.

Дар равонпизишкӣ депрессияро тағйири хулқ дар шакли парешонии рафтор ва гирифторӣ ба ғаму ғусса медонанд ва намоёнтарин аломати бемории он ҳамон рафтори ҳузноварест, ки ба дараҷаҳои мухталиф мумкин аст падид ояд. Дар баъзе мавридҳо танҳо рафтори афсурдаҳолона мумкин аст ҳамчун аломати беморӣ боқӣ бимонад.

Дар асоси таҳлили андешаҳои болозикр метавон чунин ибрози андеша намуд, ки мавзуи интихобкардаи Сахиёр Раҳимуллоҳ – «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» дар воқеъ яке аз мавзуҳои мубрами замони муосирро ташкил медиҳад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» дар худ аз як қатор ҷанбаҳои муҳимро дар бар мегирад, ки он дар навбати худ дар ҳалли мушкилоти соҳаи психологияи иҷтимоӣ саҳми назаррасро гузошта метавонад ва онҳо чунинанд:

1. Таҳкиқоти робитаи бекорӣ ва депрессия байни ҷавонони шаҳри Кобул бо дар назардошти мушкилоти ҷойдоштаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

2. Дар рафти таҳқиқот муайян ва ошкор гардидани намудҳои депрессия имкон гардид, ба монандӣ: депрессия сабук (афсурдахӯӣ; депрессияҳои шайдоӣ; депрессияи отифии мавсимӣ; депрессия миёна; депрессияҳои асосӣ (депрессияи клиникӣ; депрессияи молихулиёӣ; депрессия равонпарешонӣ; депрессияи атикикӣ- отипик (ғайри маъмулӣ).

3. Дар пажӯҳиш омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия мусоидат мекунанд, ба тариқаи зайл муайян карда шуданд: омилҳои генетикӣ; механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ; омилҳои асабӣ-ғадудӣ; омилҳои шахсиятӣ; омилҳои иҷтимоӣ; рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ; тарди иҷтимоӣ; таомули иҷтимоӣ; омилҳои факр.

4. Оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул бори аввал муайян карда шуд, ки он дар навбати худ чунин аст; таъсири бекорӣ ба депрессия; таъсири бекорӣ бар фақри иқтисодӣ; вобастагӣ ва одаткунӣ; таъсири бекорӣ бар ҳувийят; таъсири бекорӣ бар бухрони ҳувийят.

5. Барои аниқ кардани ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул аз усулҳои математикӣ-оморӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтанд. Хусусан методҳои математикию омории ҷадвали Каржси ва Морган истифода гардид.

6. Яке аз масъалаҳои муҳими дигари таҳқиқоти психологиро коркард, адаптатсия ва ё таҳияи методикаҳои ташхиси психологӣ ташкил медиҳад, ки диссертант Сахиёр Раҳимуллоҳ тавонист дар раванди омода намудани рисолаи илмии хеш саволномаи маҳз ба ҳамин масъалаи таҳқиқот бахшидашударо таҳия намояд. Саволномаи таҳиянамудаи диссертант дар раванди таҳқиқот истифода гардида, ба беҳдошти ояндаи ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони Афғонистон манфиатнок хоҳад буд.

Дар маҷмӯъ, метавон ишора намуд, ки навовариҳои илмии пешниҳодшуда далолати онро мекунанд, ки рисолаи илмии мазкур метавонад саҳми арзишманд дар фаҳмиши масъалаи бекорӣ ва депрессия миёни ҷавонони Афғонистон гузорад.

Ҳамзамон, дар диссертатсия масъалаи мубрами бекории ҷавонон ва робитаи онро бо депрессия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуқтаҳои илмии пешниҳодшуда ҷанбаҳои гуногуни ин масъаларо фаро гирифта, кӯшиши фаҳмиши амиқи омилҳо ва пайомадҳои бекориро дар байни ҷавонон нишон медиҳанд, ки ин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунинад:

- Ҷавонони бекор бо сабабҳои гуногун аз кор ва соҳибкорӣ маҳрум буда, аз бекорӣ азоб мекашанд, депрессиро азсар мегузааронанд ва ин нишондиҳандаи он аст, ки бекорӣ ба зуҳури депресия байни ҷавонон иртибот дорад.
- Дар тафовут аз занҳо дида, мардҳо бештар гирифтори депрессия мешаванд, зеро масъулияти асосии пешбурди оила ва рӯзғор бар дӯши мардҳо вогузор гардидааст.

- Дар байни ҷавонони бекор ва муҷаррад, ки афсурдаҳолӣ аз набудани ҷойи кор ба амал меояд ва ҷавонони оиладор нисбат ба ҷавонони муҷаррад осебпазиртаранд, зеро ҷавонони оиладор дар асоси масъулияти худ (оила, зан ва фарзандон) аз бекорӣ азоб мекашанд ва дар сатҳи баланди депрессия қарор доранд.
- Ҷавононе, ки дар сатҳҳои гуногуни иқтисодӣ (камбизоат, миёна ва хуб) қарор доранд, вале бекоранд, вобаста ба сатҳи иқтисодӣ депрессия (амиқ, миёна ва сабук)-ро азсар мегузаронанд, аз ин рӯ, натиҷа нишон медиҳад, ки бекорӣ ба депрессия иртибот дорад.
- Ҷавононе, ки вазъияти иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии онҳо зери таъсири манфии бекорӣ қарор гирифта буд, ба депрессия гирифтор ва ҳамзамон, маълум гардид, ки вазъи иқтисодӣ бо некӯаҳволии иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Яъне агар ба ҳар роҳе, вазъи иқтисодӣ ва некӯаҳволӣ иҷтимоӣ беҳтар бошад, сатҳи депрессия пасттар мешавад.
- Ҷавононе, ки кӯшиши кор карданро доранд, ба бекорӣ гирифтор шуда, афсурдаҳол мешаванд, аз ин рӯ ба хулосае меоем, ки ҳар қадар ҷавонон соҳиби ҷойи кор шаванд, депрессия ҳамон қадар кам мешавад.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки бекорӣ бо дараҷаи депрессия робитаи манфии назаррас дорад, яъне натиҷаи бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар қадар ҷавонон ба кор машғул шаванд, ҳамон қадар сатҳи депрессияи онҳо паст мешавад.

Дар робата ба ин, метавон ишора намуд, ки нуқтаҳои илмии пешниҳодшуда дар диссертатсия масъалаи муҳими бекорӣ ва таъсири онро ба солимии равонии ҷавонони шаҳри Кобулро дар бар мегиранд. Таҳлили омилҳои гуногун, аз қабили омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гендерӣ, оилавӣ, сатҳи иқтисодӣ ва таҳсилот, инчунин нақши синну сол ва некӯаҳволии иҷтимоӣ далолаткунандаи он мебошанд, ки дар таҳқиқот кӯшиши фаҳмиши ҳамаҷонибаи ин масъала мушоҳида гардид. Дар асоси нуқтаҳои пешниҳодшуда, метавон гуфт, ки диссертант ба масъалаи муҳим

таваҷҷӯҳ кардааст ва метавонад саҳми арзишманд дар фаҳмиши таъсири бекорӣ ба солимии равонии ҷавонон гузорад.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*** Диссертатсияи мазкур таҳқиқи муҳими робитаи байни бекорӣ ва депрессияро байни ҷавонони шаҳри Кобул анҷом додааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии илмии пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки бекорӣ дар воқеъ як мушкилоти ҷиддии психологияи иҷтимоиро барои ҷавонони Афғонистон ташкил медиҳад.

Муҳтавои асосии натиҷаҳои диссертатсия чунинад:

1. Дар робита ба ҷанбаи иқтисодӣ, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки 74.0 дарсади ҷавонон бовар доранд, ки сатҳи бекорӣ баланд аст, яъне онҳо дар вазъи пасти иқтисодӣ қарор доранд. Дар мавриди таъминоти иҷтимоӣ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 68.4 дарсади ҷавонон бар ин назаранд, ки бекорӣ онҳоро дар ҳолати пасти таъминоти иҷтимоӣ қарор додааст. Ҳудуди 68.9 дарсади ҷавонон дар ҷустуҷӯйи кор ҳастанд.

2. Дар ин тадқиқот нӯҳ фарзия санҷида шуда, аз рӯйи намуди маълумот барои онҳо ченаки омории мувофиқ интихоб карда шуда, аз онҳо натиҷаҳои дилхоҳ гирифта шудаанд, ки чунинанд: таҳлили маълумот дар байни 389 нафар, 58 нафар (14.9 дарсад), 68 нафар (17.5 дарсад) аз депрессияи сабук, 94 нафар (24.2 дарсад) аз депрессияи миёна ва 169 нафар, яъне (43.4 дарсад) пурсидашудагон, дар депрессияи шадид қарор доранд, бинобар ин, шумораи зиёди одамони бекор аз депрессияи шадид азият мекашанд.

3. Таҳлили бозёфтҳои марбут ба фарзияи аввали пажӯҳиш миёни пурсидашудагон 185 зан ва 204 мард иштирок доштанд ва ин нишондиҳандаи он аст, ки депрессияи миёнаи мардон нисбат ба занон бештар аст. Яъне мардони бекор назар ба занон бештар аз депрессия азият мекашанд.

4. Фарзияи дуюми таҳқиқот нишон медиҳад, ки аз ҳамаи иштирокчиён 112 нафари муҷаррад ва 177 нафари оиладор дар сатҳи

миёнаи депрессия дар байни шахсони муҷаррад ва оиладор тафовути намоён ба чашм мерасад ва аксари одамони оиладор гирифтори депрессия мешаванд.

5. Фарзияи сеюми таҳқиқот далолаткунандаи он аст, ки дар асоси тести пост-хок Тукей метавон гуфт, ки дар байни ҳамаи гурӯҳҳо: камбизоат, сатҳи миёна ва гурӯҳҳои дорои сатҳи хуб тафовути маънодор вуҷуд дорад.

6. Таҳлили бозёфтҳои марбут ба фарзияи чоруми таҳқиқот нишон медиҳад, ки аз рӯйи тести Тукей дар гурӯҳҳои омӯзишӣ сатҳи миёнаи депрессия гуногун аст. Онҳое, ки синфи 12-ро хатм кардаанд, новобаста аз гурӯҳи таҳсилоти миёна, дараҷаи депрессияашон бо ҳамаи гурӯҳҳо якхела аст. Гурӯҳи таҳсилоти синфи 14 ҳам мисли дигар гурӯҳҳои таҳсилотӣ гирифтори депрессия аст, вале депрессия аз онҳое, ки таҳсилоти ибтидоӣ доранд, тафовут надорад ва онҳое, ки таҳсилоти ибтидоиро хатм кардаанд аз ҳамин депрессия азоб мекашанд. Дар натиҷа бояд гуфт, ки ҳар қадар сатҳи таҳсилот баланд бошад, ҳамон қадар боварӣ ба худ баланд мешавад, депрессия пешгирӣ карда мешавад. Фарзияи чоруми таҳқиқот низ собити худро ёфт. Фарзияи панҷуми таҳқиқот нишон медиҳад, ки аз рӯйи тести Тукей сатҳи миёнаи депрессияи гурӯҳи синну сол (20-25) аз ҳамаи гурӯҳҳои синну сол фарқ мекунад, яъне онҳо аз депрессия дар дараҷаҳои гуногун, вале дар гурӯҳи синну соли 31-35 ва 36-40 фарқ дида намешавад.

7. Фарзияи шашуми таҳқиқот оид ба вазъи иқтисодии ҷавонони бекор нишон медиҳад, ки 74.0 фоизи интихобшуда сатҳи пасти иқтисодӣ, 17.5 фоиз дар вазъи миёнаи иқтисодӣ ва 33 нафар, яъне 8.5 фоиз, вазъияти хуб доранд. Натиҷаҳои санҷиши Пирсон нишон медиҳанд, ки коэффитсиенти коррелятсия ба (-0.218) баробар аст, вазъи иқтисодӣ бо сатҳи депрессия ба ҳисоби миёна муносибан наздик аст, зеро маълум аст, ки вазъи иқтисодӣ хубтар бошад, сатҳи депрессия пастар мешавад. Таҳлили бозёфтҳои марбут ба фарзияи ҳафтуми таҳқиқот оид ба

таъминоти иҷтимоии ҷавонони бекор нишон медиҳад, ки 68.4 дарсади интихобшудаҳо дар варианти пасти таъминоти иҷтимоӣ, 19.8 дарсад дар варианти миёна ва 11.8 дарсад дар варианти пасти сатҳи таъминоти иҷтимоии хуби иҷтимоӣ боварӣ доштанд, ки бекорӣ ба некӯаҳволии иҷтимоӣ таъсир мерасонад, аз ин рӯ, коэффисиенти коррелятсия ба (-0.246) баробар аст ва арзиши наздикро нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, некӯаҳволии иҷтимоӣ бо сатҳи депрессия робитаи маънодор дорад. Пас, ҳар қадар замина барои некӯаҳволии ичтимоӣ мусоид бошад, дараҷаи депрессия паст мешавад.

8. Фарзияи ҳаштуми таҳқиқот оид ба корҷӯйии ҷавонони бекор нишон медиҳад, ки 68.9 дарсади интихобкунандагон варианти миёна, 22.1 дарсади онҳоро варианти баланд ташкил мекунад ва 9.0 дарсади интихобкунандагон бар ин бовaранд, ки онҳо дар ҷустуҷӯйи кор ҳастанд, аммо муҳити корӣ мусоид нест ва онҳо аз бекорӣ азоб мекашанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти коррелятсионӣ дар робита бо фарзияи ҳаштум нишон медиҳанд, ки коэффисиенти коррелятсия ба (-0.191) баробар аст, ки ин арзиши хеле пурқуввати робитаро нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, пайдо кардани кор бо сатҳи депрессия робитаи маънодор дорад. Аз натиҷаҳои пажӯҳиш маълум мешавад, ки ҳар қадар бештар одамон дар ҷустуҷӯйи кор бошанд, сатҳи депрессия ҳамон қадар паст мешавад.

9. Таҳлили бозёфтҳои марбут ба фарзияи нӯҳуми таҳқиқот бекории умумиро бо сатҳи депрессия нишон медиҳад. Натиҷаҳои коэффитсиенти коррелятсияи Пирсон нишон медиҳанд, ки коэффитсиенти коррелятсия ба (-0.328) баробар аст ва ин муносибати нисбатан мустаҳкамро нишон медиҳад. Бо ибораи дигар, бекорӣ бо сатҳи депрессия робитаи қобили мулоҳиза дорад, яъне ҳар қадар, ки ҷавонон машғул бошанд, аз депрессия канорагирӣ мешавад.

Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия саҳми арзишманд дар фаҳмиши таъсири бекорӣ ба солимии равонии ҷавонони Кобул мебошанд. Таҳия ва татбиқи чораҳои муассир ҷиҳати коҳиш додани

бекорӣ ва дастгирии солимии равонии ҷавонон муҳим арзёбӣ мегардад. Тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти рисола роҳҳои муҳими ҳалли мушкилоти бекорӣ ва пайомадҳои манфии онро дар Афғонистон нишон медиҳанд. Татбиқи пайгирона ва ҳамаҷонибаи ин тавсияҳо метавонад дар беҳтар кардани вазъи шуғли аҳолӣ ва солимии равонии ҷавонон саҳми назаррас гузорад.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:*** Сохтори пешниҳодшудаи диссертатсия, ки аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, рӯйхати мақолаҳои муаллиф ва ду саволномаи иборат аст, ба назар муташаккил ва мантиқӣ мерасад. Ҳар як қисмат нақши муайянеро дар пешниҳоди ҳамаҷонибаи таҳқиқот мебозад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия аз 4 зерфасл иборат буда, «Масъалаҳои назариявию психологӣ оид ба бекорӣ ва депрессия» унвон гирифтааст. Ҳар яке аз зербобҳоро мухтасаран шарҳ медиҳем:

1.1. “Омӯзиши назариявию психологии робитаи бекорӣ бо депрессия ва таъсири психологии онҳо ба ҷавонон”. Зербоби мазкур асосҳои назариявии таҳқиқотро ташкил дода, консепсияҳои асосии бекорӣ ва депрессия, назарияҳои мухталифи робитаи байни онҳо, инчунин хусусиятҳои таъсири психологии ин гуна зуҳурот ба ҷавонон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтанд.

1.2. “Намудҳои депрессия ва алоқамандии одамони гирифтори депрессия ба муҳити зист”. Дар ини зербоб таҳлили гуногунии депрессия ва таъсири муҳити зист ба зуҳури ҳолати депрессивӣ оварда шудааст. Намудҳои гуногуни депрессия ва омилҳои муҳити зист, ки метавонанд ба осебпазирии ҷавонон нисбат ба депрессия дар шароити бекорӣ таъсири худро мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

1.3. Зербоби навбатӣ “Омилҳо ва сабабҳое, ки ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия боис мегарданд” унвон гирифта, чунин омилҳои калидӣ мавриди тааваҷӯҳи илмӣ қарор дода шуданд, ба монандӣ: омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва ғайра.

1.4. Зербоби чоруми боби якуми диссертатсия “Оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонон” номгузорӣ гардидааст. Дар ин зербоб чуноне аз номаш маълум аст, оқибатҳои дарозмуддати психологии бекорӣ ва депрессияро дар ҳаёти ҷавонон, аз ҷумла таъсир ба муносибатҳо, шуғли оянда ва некӯаҳволии умумӣ пажуҳиш намудааст. Пайомадҳои дарозмуддати масъалаи мазкур низ мавриди таваҷҷӯҳи диссертант қарор гирифтаанд.

Дар маҷмӯъ боби якуми диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ асосҳои назариявию методологии масъалаи мазкурро тавонист пурра ва ба таври мукаммал инъикос намояд.

Дар масъалаи боби дуюми диссертатсия метавон ишора намуд, ки қисмати амалии рисоларо ташкил дода, «Ташкили таҳқиқи масъалаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон» номгузорӣ гардидааст. Боби мазкур дар навбати худ аз се зербоб иборат буда, марҳилаҳои асосии таҳқиқоти эмпирикиро фарогир мебошанд ва онҳоро мухтасаран шарҳ медиҳем.

Зербоби 2.1. “Усули ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон” унвон гирифта, усулҳои таҳқиқотӣ (таҳқиқоти миқдорӣ, сифатӣ), тарҳи таҳқиқот (таҳқиқоти коррелятсионӣ, муқоисавӣ), интихоби иштирокчиён (ҳаҷм ва усули интихоб) ва усулҳои ҷамъоварии маълумот (саволномаҳо, мусоҳибаҳо) ҷиҳати ташхиси бекорӣ ва депрессия байни ҷавонон ба таври мукаммал дарҷ гардиданд.

Дар масъалаи зербобҳои 2.3. ва 2.4. ҳаминро ишора кардан лозим аст, ки мавод бисер хуб оварда шудааст, аммо аз камбудиҳо холӣ нест ва ин камбудиҳоро дар поёнтар ишора карда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*** Мавзӯи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» дорои аҳамияти назарраси илмию амалӣ мебошад Пажӯҳиши анҷомдодашуда хусусияту аҳамияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар таҳқиқоти минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд дар таҳияи курсҳои омӯзишӣ ва навиштани китобҳои дарсӣ дар мавзуи оқибатҳои ногувори бекорӣ аз нигоҳи равоншиносон, дар омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус дар мавзуи психологияи иҷтимоӣ, методологияи мутобиқшуда ва амалияи равонпизишкӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Нашри мундариҷа ва хулосаи кори диссертатсионӣ дар 7 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, инчунин ду маъруза дар конфронсҳои илмӣ, инчунин:

- 4 адад мақола дар маҷаллаи силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологии «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф»;
- 2 адад мақола дар маҷаллаи таҳқиқотии илмии «Гузоришҳои Академияи миллии Тоҷикистон»;
- 1 адад мақола дар маҷаллаи илмӣ-таҳқиқотии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»;
- Дар маҷмӯъ 2 адад маъруза (дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон).

Тасвиб ва амалисозии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфуз ва муаррифӣ дар конфронсҳои илмӣ як

қадами муҳим дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ мебошад. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот сифати баланд дошта, барои ҷомеаи илмӣ ва амалия арзишманд аст. Муаллиф бо ин фаъолиятҳо саҳми худро дар паҳн ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти худ гузоштааст.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Бо дар назардошти таҳлили андешаҳои болозикр ҳаминро ишора намудан зарур аст, ки дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва бархеи дигар нофаҳмиҳо вуҷуд доранд, ки аз диссертант ҷавоби амиқ мукаммалро талаб мекунад ва онҳо чунинад:

1. Дар таҳияи рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидай кор хоҳад буд.
2. Дар диссертатсия мафҳумҳои гуногун истифода шудаанд, ба монандӣ равонӣ, равоншиносӣ ва психологӣ. Истифодаи як мафҳум боиси фаҳмотар гардидани диссертатсия мегардид.
3. Аз ҷониби диссертант мафҳумҳои «эътибор» ва «эътимод» истифода шудааст, гарчанде дар забони илмии соҳаи ташхиси психологӣ

мафҳумҳои «эътимоднокӣ» ва «валиднокӣ» истифода мегарданд. Истифодаи мафҳумҳои илмии соҳавӣ бар манфиати кор хоҳад буд.

4. Мутаассифона, номгузории зербобҳои 2.2. ва 2.3. бо матни дар дохил овардашуда умуман мувофиқат мекунад. Ивазнамоии номи зербобҳо бо дар назардошти матни дар дохиловардашуда муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ дар маҷмӯъ оварда шудааст, аммо бандҳои алоҳидаи он, ки маҳз мавзуи дисссертатсияро фарогир мебошад, дарҷ нагардидаанд.

6. Дар автореферату диссертатсия олимони гуногуни тоҷик ишора шудаанд.

7. “ДТИОМТОК” бо забони русӣ нодуруст тарҷума шудааст, ислоҳи ҷиддиро талаб мекунад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳои қайдгардида ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

**ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ:**

Таҳқиқоти мазкур, ки аз ҷониби Сахиёр Раҳимуллоҳ анҷом дода шудааст, ба таври амиқ робитаи байни бекорӣ ва депрессияро дар байни ҷавонони шаҳри Кобул мавриди баррасӣ қарор додааст. Натиҷаҳои таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки байни бекорӣ ва сатҳи баланди депрессия дар ин гурӯҳи аҳолӣ робитаи мустаҳкам вуҷуд дорад.

Таҳқиқот омилҳои гуногуни психологиро, ки ин робитаро шарҳ медиҳанд, муайян намудааст. Аз ҷумла, бекорӣ метавонад боиси ҳисси нотавонӣ, паст шудани худбаҳодиҳӣ, дуршавии (изолятсия) иҷтимоӣ ва ноумедӣ гардад, ки ҳамаи инҳо нишонаҳои депрессияро шадидтар мекунанд. Ғайр аз ин, таҳқиқот таъсири шароити иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Кобулро ба вазъияти равонии ҷавонон, ки бо мушкилоти бекорӣ рӯ ба рӯ ҳастанд, баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои ин таҳқиқот аҳамvияти фаҳмиши амиқи оқибатҳои психологии бекорӣ дар байни ҷавононро дар шаҳрҳои дорои сатҳи

баланди бекорӣ, ба мисли Кобул, таъкид мекунанд. Ин маълумот метавонад барои таҳияи барномаҳои муассир дахолат ва дастгирии психологӣ, ки ба коҳиш додани таъсири манфии бекорӣ ба рӯҳияи ҷавонон нигаронида шудаанд, муфид бошад. Ҳамчунин, таҳқиқот зарурати тадбирҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро, ки ба афзоиши шуғл ва беҳтар намудани шароити зиндагии ҷавонон дар Кобул равона шудаанд, нишон медиҳад.

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқоти психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
Доктори фалсафа PhD аз руйи ихтисоси психология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (ДТИОМТОК) назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Латифзода С.З.

Имзои С.З. Латифзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДТИОМТОК назди ДМТ Сафарова М.

**Суроға:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: моб. (+992) 88-000-83-84.
E-mail: Latifzoda_01@mail.ru

08.05.2025.